Замимаи 2
ба фармони Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 августи соли 2021,
№ 222

Нақшаи
чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025)

| № р/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсад (натиҷаҳои маъмулӣ)-и дар назар дошташуда | Мухлати иҷро | Иҷрокунандагон | Маблағгузорӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Буҷети мақомоти дахлдор | Шарикони рушд |
| 1. ЧОРАБИНИҲОИ УМУМӢ ОИД БА АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯ | | | | | | |
| 1. | Таҳия ва тасдиқи барномаи дохилидоравии зиддикор-рупсионӣ ва нақшаи чорабиниҳои он барои ҳар сол | Таъмини иҷрои пурра ва воқеъбинонаи Стратегия | Соли 2021 | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли моликият | Воситаҳои идоравӣ | |
| 2. | Муайян намудани шахси мутасаддӣ аз ҳисоби роҳбарони аввали вазорату идораҳо, | Ба низом даровардани рафти | Соли 2021 | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли моликият оид ба таъмини иҷрои Стратегия | таъмини иҷрои Стратегия | | давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли моликият | | |
| 3. | Гузаронидани санҷишу таҳлил ҷиҳати муайян намудани ҳолати иҷрои Стратегия ва дар ин асос пешниҳод намудани маълумоти солона ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Назоратбарии давра ба давраи рафти таъмини иҷрои Стратегия | Мунтазам | Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Воситаҳои идоравӣ | |
| **2. ТАҚВИЯТ БАХШИДАНИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР СОҲАҲОИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ, МАОРИФУ ТАНДУРУСТӢ, АНДОЗУ ГУМРУК, ХАРИДИ ДАВЛАТИИ МОЛ, КОР ВА ХИЗМАТРАСОНӢ ВА СОҲАҲОИ ДИГАРЕ, КИ ФАЪОЛИЯТАШОН АЗ НИГОҲИ КОРРУПСИЯ ОСЕБПАЗИР МАҲСУБ МЕЁБАНД** | | | | | | |
| 4. | Бо дар назар доштани вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва имкониятҳои буҷетӣ идома додани ислоҳоти музди меҳнат дар низоми хизмати давлатӣ | Баланд бардоштани вазъи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ | Мунтазам | Вазорати молия, Агентии хизмати давлатӣ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Воситаҳои идоравӣ | |
| 5. | Интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо бо роҳи гузаронидани озмун, баҳоди-ҳии фаъолият, аттестатсия, ҷойивазкунии (ротатсия)-и хизматчиёни давлатӣ ҳамчун чораҳои муассири зидди-коррупсионӣ | Пешгирӣ намудани коррупсия дар байни хизматчиёни давлатӣ | Мунтазам | Агентии хизмати давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 6. | Вусъат додани раванди бо манзили истиқоматӣ ва қитъаҳои замини назди-ҳавлигӣ таъмин намудани хизматчиёни давлатӣ, ҷудо намудани қарзҳои бефоиз ва дарозмуддат барои сохтмони манзили истиқоматӣ. Бо ин мақсад таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ҷиҳати аз байн бурдани монеаҳо | Беҳтар намудани вазъи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ | Мунтазам | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, Бонки миллӣ, мақомоти худидора-кунии шаҳраку деҳот, ташкилоту муассисаҳои дигари давлатӣ | Воситаҳои идоравӣ | |
| 7. | Таҷдиди назар намудани мутобиқатии қонунгузории хизмати давлатӣ, муқовимат ба коррупсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ вобаста ба доғи судӣ ва оқибатҳои он | Пешгирии коррупсия дар соҳаи хизмати давлатӣ | Солҳои 2021-2024 | Агентии хизмати давлатӣ, Вазорати адлия, Маркази миллии қонунгузорӣ ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Воситаҳои идоравӣ | |
| 8. | Таъсис додани махзани маълумот дар бораи шахсоне, ки ҷиноят ва ҳуқуқвайрон-кунии маъмурии ба коррупсия алоқамандро содир намудаанд | Пешгирии коррупсия дар соҳаи хизмати давлатӣ | Солҳои 2021-2025 | Прокуратураи генералӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Агентии хизмати давлатӣ | Воситаҳои идоравӣ | |
| 9. | Роҳандозӣ намудани чораҳо вобаста ба ҳавасмандгар-донии хизматчиёни ҷавони давлатӣ ва таҳким бахшидани | Баланд бардоштани руҳияи | Солҳои 2021-2025 | Агентии хизмати давлатӣ ва вазорату идораҳои дигари дахлдор | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | арзишҳои зиддикоррупсионии онҳо | хизматчиёни ҷавони давлатӣ | | | | |
| 10. | Такмили қонунгузории андоз, гумрук, замин, иҷозат-номадиҳӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо бо мақсади пешгирӣ намудани кирдорҳои коррупсионӣ | Пешгирии коррупсия дар соҳаҳои андоз, гумрук, замин ва ғайра | Мунтазам | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, вазоратҳои адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо ва вазорату идораҳои дигари дахлдор | Воситаҳои идоравӣ | |
| 11. | Таҷдиди назар кардани ҷавобгарии маъмурӣ барои бидуни усулҳои муқаррар-гардидаи хариди давлатӣ анҷом додани фаъолияти харидорӣ | Пешгирии коррупсия дар соҳаи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ | Солҳои 2021-2022 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | Воситаҳои идоравӣ | |
| 12. | Давра ба давра такмил додани низоми хариди электронӣ бо | Васеъ намудани доираи | Солҳои 2021-2025 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва | Воситаҳои идоравӣ | Шарикони рушд |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | дар назар доштани ҳамгироии он бо низомҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ ва бонкҳо | хизматрасони-ҳои давлатӣ дар шакли электронӣ ва содагардонии барасмиятдаро-рии амалиётҳо | | хизматрасонӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | | |
| 13. | Андешидани тадбирҳо ҷиҳати таъсис ва ба роҳ мондани фаъолияти комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии арзу шикоятҳо оид ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ | Баррасии холисонаи арзу шикоятҳо аз ҷониби ниҳоди мустақил | Солҳои 2021-2025 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ, вазорату идораҳои дахлдор | Воситаҳои идоравӣ | |
| 14. | Ҷорӣ намудани усулҳои нави хариди давлатӣ | Рушди рақобат миёни таҳвилгарон ва баланд гардидани самаранокии харидҳои давлатӣ | Солҳои 2021-2025 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ, Хадамоти зиддиинҳисорӣ, ташкилотҳои харидор | Воситаҳои идоравӣ | |
| 15. | Роҳандозӣ намудани чораҳои дахлдор ва шаффоф ҷиҳати пешгирии омилҳои рақобати бевиҷдонона вобаста ба манъ намудани соҳиб шудан ва дидаю дониста истифода бурдани ҳуқуқҳои истисноӣ ба воситаҳои инфиродикунонии мол, истифодаи тамғаҳои молӣ, тамғаҳои молии | Пешгирӣ намудани омилҳои рақобати бевиҷдонона | Мунтазам | Хадамоти зиддиинҳисорӣ ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Воситаҳои идоравӣ ва маблағҳои махсус | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | маъруфшуда, кор ва хизматрасониҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла шахсони хориҷӣ, инчунин пеш аз мӯҳлат бекор намудани тамғаҳои молии бақайдгирифташуда | | | | | |
| 16. | Таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази рушди низоми хариди электронӣ»-и назди Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» | Ҷудо намудани вазифаҳои танзимӣ ва амалиётии Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ | Солҳои 2021-2023 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ | Воситаҳои идоравӣ | |
| 17. | Тақвият додани фаъолият дар самти ҷорӣ намудани таҷрибаи тақсимоти электронии парвандаҳо дар байни судяҳо | Пешгирии коррупсия ҳангоми баррасии парвандаҳо дар судҳо | Солҳои 2021-2025 | Мақомоти судӣ, Хадамоти алоқа ва Саридораи ҳифзи сирри давлатӣ | Воситаҳои идоравӣ | Шарикони рушд |
| 18. | Нашри санадҳои судии эътибори қонунипайдокарда дар сомонаҳои расмӣ | Таъмини шаффофият дар фаъолияти судҳо | Мунтазам | Мақомоти судӣ | Воситаҳои идоравӣ | |
| 19. | Мукаммал намудани қонунгузории мурофиавӣ оид ба баррасии парвандаҳои | Бартараф намудани омилҳои бавуҷудоваран- | Солҳои 2021-2023 | Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Вазорати адлия, Маркази миллии қонунгузорӣ, | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҷиноятӣ, граждан‍ӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ ва оилавӣ | даи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ | | Прокуратураи генералӣ ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | | |
| 20. | Фароҳам овардани шароит барои ба такмили ихтисос фаро гирифтани шахсони мутасаддӣ оид ба таъмини иҷрои Стратегия дар Маркази такмили ихтисоси кормандони мақомоти муборизабаранда бар зидди коррупсия ва судии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Баланд бардоштани масъулияти кормандони вазорату идораҳо оид ба таъмини иҷрои Стратегия ва такмили донишу маҳорати касбии кормандони мақомоти ба коррупсия бевосита муқовиматку-нанда | Солҳои 2021-2023 | Академияи идоракунии давлатӣ | Воситаҳои идоравӣ | Шарикони рушд |
| 21. | Таъсиси ихтисосҳои нав дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати тайёр намудани кадрҳо дар самти муқовимат ба коррупсия | Бо кадрҳои соҳибтахассус таъмин намудани мақомоти муқовиматку-нанда бар зидди коррупсия | Солҳои 2022-2024 | Вазорати маориф ва илм, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 22. | Таҳия ва интишори китобҳо, асарҳои саҳнавӣ, барномаҳои телевизионӣ дар мавзӯъҳои марбут ба муқовимат ба коррупсия | Ташаккули мафкураи зиддикорупси-онӣ | Мунтазам | Вазорати маориф ва илм, Вазорати фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радио, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Воситаҳои идоравӣ | |
| 23. | Амалӣ намудани чораҳо оид ба ҷорӣ намудани низоми ягонаи иттилоотӣ бахри кам намудани робитаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо хизматчиёни давлатӣ, инчунин муайян намудани рақами телефони боварии доимоамалкунанда ва фаъол нигоҳ доштани сомонаҳои расмӣ | Аз байн бурдани омилҳои инсонӣ | Солҳои 2021-2025 | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли моликият | Воситаҳои идоравӣ | |
| 24. | Содагардонии расмиёти маъмурӣ дар самти фаъолияти соҳибкорӣ бо роҳи татбиқ намудани барномаҳои зиддикоррупсионии мақсаднок, аз ҷумла бекор намудани қоидаҳои барзиёд вобаста ба сертификатсия ва иҷозатномадиҳӣ | Фароҳам овардани фазои озоди иқтисодӣ, ҷалби сармояи мустақим | Солҳои 2021-2023 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии стандартизатсия, метрология, сертифи-катсия ва нозироти савдо, Вазорати рушди иқтисод ва савдо | Воситаҳои идоравӣ | |
| 25. | Роҳандозии чораҳои муосир оид ба ҷорӣ намудани тарзу воситаҳои ҳимояи шахсоне, ки | Ҳавасмандгардо нии шаҳрвандон барои ҳамкорӣ | Солҳои 2021-2025 | Вазорати корҳои дохилӣ, Прокуратураи | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ба ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ҳамкорӣ менамоянд | бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | | генералӣ, вазоратҳои адлия, молия, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва мақомоти дигари муборизабаранда бар зидди коррупсия | | |
| 26. | Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими хизматрасониҳои пулакӣ дар соҳаи тандурустӣ | Ба низом даровардани тартиби хизматрасонии пулакӣ, аз ҷумла маълумотнома-ҳои тиббӣ ба аҳолӣ | Солҳои 2021-2022 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Хадамоти зиддиинҳисорӣ, Вазорати адлия ва Маркази миллии қонунгузорӣ | Воситаҳои идоравӣ | |
| 27. | Такмил ва шаффоф намудани тартиби хариди таҷҳизоти тиббӣ, маводи доруворӣ ва назорати сифати онҳо | Пешгирии омилҳои коррупсионӣ ҳангоми хариди таҷҳизоти тиббӣ ва маводи доруворӣ | Солҳои 2021-2025 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Вазорати адлия | Воситаҳои идоравӣ | |
| 28. | Назорати истифодаи мақсадноки маблағҳо ва воситаҳои грантӣ, ки ба соҳаи тандурустӣ равона гардидаанд | Пешгирии омилҳои коррупсионӣ ҳангоми истифодаи маблағҳо ва | Мунтазам | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Палатаи ҳисоб | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | воситаҳои грантӣ | | | | |
| 29. | Пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ зимни тақсимоти ихтисосҳои тиббӣ ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо дар соҳаи тандурустӣ | Таъмини шаффофият ва дастрасии баробар ҳангоми гирифтани ихтисос ва таъмин бо кор | Мунтазам | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва муассисаҳои таълимии соҳаи тиб | Воситаҳои идоравӣ | |
| 30. | Баланд бардоштани дониши касбии санҷишгарони соҳаи андоз ва пешгирӣ намудани содиршавии кирдорҳои коррупсионӣ дар байни онҳо | Пешгирии коррупсия дар байни кормандони соҳаи андоз | Мунтазам | Кумитаи андоз, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Прокуратураи генералӣ ва Палатаи ҳисоб | Воситаҳои идоравӣ | |
| 31. | Мукаммал намудани низоми ояндабинӣ ва банақшагирӣ дар самти даромад ва хароҷоти маблағҳои буҷети давлатӣ | Таъмини саривақтии буҷети давлатӣ ва кам кардани ҳаҷми бақияпулиҳои қарзи андозҳо | Мунтазам | Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо | Воситаҳои идоравӣ | |
| 32. | Сода гардонидани низоми ҳисоб, пардохти андозҳо ва тақвият додани ҳамкории мақомоти андоз бо субъектҳои | Саривақт ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо бо | Солҳои 2021-2023 | Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, Вазорати молия ва мақомоти иҷроияи | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | хоҷагидор ва андозсупорандагони дигар | мақсади кам намудани бақияпулиҳои андоз | | маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо | | |
| 33. | Ба танзим даровардани санҷишҳои риояи қонунгузории андоз, аз ҷумла кам кардани шумораи санҷишҳо, махсусан санҷишҳои камералӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти шаффофи андозсупорандагон | Таъмини шаффофият дар фаъолияти мақомоти андоз ва андозсупоранадагон | Солҳои 2021-2023 | Кумитаи андоз, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Прокуратураи генералӣ ва Палатаи ҳисоб | Воситаҳои идоравӣ | |
| 34. | Сода гардонидани тартиби бақайдгирӣ ва қатъи фаъолияти соҳибкорӣ | Пешгирии содиршавии кирдорҳои коррупсионӣ | Солҳои 2021-2022 | Кумитаи андоз, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Прокуратураи генералӣ ва Палатаи ҳисоб | Воситаҳои идоравӣ | |
| 35. | Пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ дар мақомоти гумрук ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо дар ин соҳа | Пешгирии коррупсия дар байни кормандони соҳаи гумрук | Солҳои 2021-2025 | Хадамоти гумрук, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Прокуратураи генералӣ ва Палатаи ҳисоб | Воситаҳои идоравӣ | |
| 36. | Диверсификатсия ва автоматикунонии механизмҳои пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз, аз ҷумла бо | Ҷалби бештари шаҳрвандон ба фаъолияти озоди иқтисодӣ, | Солҳои 2021-2022 | Хадамоти гумрук, Бонки миллӣ, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | мақсади кам кардани сарбории маъмурӣ ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ва баланд бардоштани самаранокии назорат аз болои дурустии ҳисобкунӣ ва пардохти саривақтии онҳо таҳияи системаи дар низоми вақти воқеӣ (онлайн) супоридани пардохтҳои гумрукӣ ва пардохтҳои дигар, ки аз ҷониби мақомоти гумрук идора карда мешаванд | ташкили ҷойҳои нави корӣ ва пешгирӣ намудани ҳодисаҳои қочоқ | | молия ва вазорату идораҳои дигари дахлдор | | |
| 37. | Андешидани чораҳо ҷиҳати шаффоф намудани фаъолияти мақомоти гумрук ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ | Пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва таъмини дурусти барасмиятдаро-рии гумрукӣ | Мунтазам | Хадамоти гумрук, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо корруп-сия, Прокуратураи генералӣ ва Палатаи ҳисоб | Воситаҳои идоравӣ | |
| 38. | Тақвият додани низоми электронии барасмият-дарории гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани фаъолият дар ин соҳа | Бартараф намудани омилҳои инсонӣ дар раванди барасмитядаро-рии гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт | Мунтазам | Хадамотҳои гумрук, алоқа ва Саридораи ҳифзи сирри давлатӣ | Воситаҳои идоравӣ | Шариконӣ рушд |
| 39. | Дар байни ҳайати шахсии сарраёсати қӯшунҳои | Баланд бардоштани | Мунтазам | Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва зерсохторҳои он мунтазам ба роҳ мондани омӯзиши қонунгузорӣ дар самти тарзу усули ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ ва намуди дигари ҳуқуқвайронкуниҳо дар Сарҳади давлатӣ | масъулияти командон, такмили маҳорат ва малакаи касбии онҳо дар самти ошкор кардани ҳуқуқвайронкуниҳо дар Сарҳади давлатӣ | | амнияти миллӣ ва зерсохторҳои он, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | | |
| 40. | Ҷиҳати риояи мамнуият ва маҳдудиятҳо ҳангоми интиқоли мол ва воситаи нақлиёт аз Сарҳади давлатӣ ва ҳимояи манфиатҳои иқтисодии Тоҷикистон, ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо Хадамоти гумрук ва мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ | Дар ҳамбастагӣ пешгирӣ кардани ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо дар Сарҳади давлатӣ | Мунтазам | Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Хадамоти гумрук ва мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ | Воситаҳои идоравӣ | |
| 41. | Вусъат додани фаъолият дар самти пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани масъулияти кормандони соҳаҳои сабти асноди ҳолати шаҳрван-дӣ, идораи нотариалӣ, бозрасии давлатии автомо-билӣ, хадамоти шиноснома-вию бақайдгирӣ ва оташнишонӣ, барқ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, корхо-наҳои | Баланд бардоштани мафкураи зиддикоррупсионии кормандони соҳаҳои мазкур | Мунтазам | Вазоратҳои адлия, корҳои дохилӣ, энергетика ва захираҳои об, Хоҷагии манзилию коммуналӣ, ШСХК «Барқи тоҷик», Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, вазорату идораҳо ва соҳаҳои дигаре, ки | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | фаръии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва фаъолияти иҷозатномадиҳӣ ва соҳаҳое, ки хизматрасониҳои дигари давлатиро анҷом медиҳанд | | | хизматрасониҳои давлатиро анҷом медиҳанд | | |
| 42. | Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаҳои сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, идораи нотариалӣ, бозрасии давлатии автомобилӣ, хадамоти шиносномавию бақайдгирӣ ва оташнишонӣ, барқ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, корхонаҳои фаръии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва фаъолияти иҷозатномадиҳӣ ва соҳаҳои дигаре, ки хизматрасониҳои давлатиро анҷом медиҳанд | Пешгирии хавфу омилҳои бавуҷудоваранда и коррупсия | Солҳои 2021-2023 | Вазоратҳои адлия, корҳои дохилӣ, энергетика ва захираҳои об, Хоҷагии манзилию коммуналӣ, ШСХК «Барқи тоҷик», Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, вазорату идораҳо ва соҳаҳои дигаре, ки хизматрасониҳои давлатиро анҷом медиҳанд | Воситаҳои идоравӣ | |
| 43. | Тақвият додани низоми электронии пардохти ҳаққи хизматрасониҳои давлатӣ ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани фаъолият дар ин соҳа | Бартараф намудани омилҳои инсонӣ | Мунтазам | Вазоратҳои адлия, корҳои дохилӣ, энергетика ва захираҳои об, Хоҷагии манзилию коммуналӣ, ШСХК «Барқи тоҷик», Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, вазорату | Воситаҳои идоравӣ | Шарикони рушд |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | идораҳо ва соҳаҳои дигаре, ки хизматрасониҳои давлатиро анҷом медиҳанд | | |
| 44. | Таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи бонкӣ, аз ҷумла дар соҳаи низоми қарзӣ ва такмили онҳо | Бартараф намудани омилҳои бавуҷудоваран-даи коррупсия | Солҳои 2021-2023 | Бонки миллӣ, БДА ҶТ «Амонатбонк» Вазорати адлия, Маркази миллии қонунгузорӣ, Прокуратураи генералӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Воситаҳои идоравӣ | |
| 45. | Баланд бардоштани масъулияти кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ зимни додани қарзҳои бонкӣ ва дар ин замина такмили низомномаҳои қарзӣ | Батанзимдаро-рии низоми қарзӣ ва пешгирии омилҳои корруписонӣ | Солҳои 2021-2023 | Бонки миллӣ, БДА ҶТ «Амонатбонк» Вазорати адлия, Прокуратураи генералӣ ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия | Воситаҳои идоравӣ | |
| 46. | Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба баҳодиҳии воқеии арзиши молу мулки багаравгузошташаванда | Пешгирии эҳтимолияти расонидани зарар ба манфиати соҳаи бонкӣ ва | Солҳои 2021-2023 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Бонки миллӣ, БДА ҶТ «Амонатбонк» Вазорати адлия, | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ташкилотҳои қарзии молиявӣ | | Маркази миллии қонунгузорӣ, Прокуратураи генералӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Кумитаи сохтмон ва меъморӣ | | |
| 3. ИШТИРОКИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА ДАР РАВАНДИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ МАЪРИФАТИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ АҲОЛӢ | | | | | | |
| 47. | Баланд бардоштани самаранокии кори шӯроҳои ҷамъиятӣ, зинаҳои дигари машваратӣ, аз ҷумла комиссияҳои ҷамъиятӣ | Пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ ва ба вуҷуд овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия | Мунтазам | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва мақомоти дигари дахлдор | Воситаҳои идоравӣ | |
| 48. | Амалӣ намудани тарғиби ҳатмии оммавии зиддикоррупсионӣ тавассути воситаҳои ахбори омма, матбуоти даврӣ ва шабакаи интернет | Ба самъи аҳолӣ расонидани натиҷаи фаъолияти зиддикорруп-сионӣ | Мунтазам | Кумитаи телевизион ва радио, Вазорати фарҳанг, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Хадамоти алоқа, ширкатҳои мобилӣ, вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои дигар | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 49. | Бо мақсади тақвият бахшидани муқовимат ба коррупсия рушди муназзами сомонаҳои расмӣ ва интишори маълумот оид ба пешгирии коррупсия | Огоҳонии бештари аҳолӣ оид ба сиёсати зиддикоррупсионӣ | Мунтазам | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шакли моликият | Воситаҳои идоравӣ | |
| 50. | Таҳия ва мавриди амал қарор додани замимаҳои мобилӣ ҷиҳати муқовимат ба коррупсия | Пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ ва ба вуҷуд овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия | Солҳои 2021-2022 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Хадамоти алоқа ва Саридораи ҳифзи сирри давлатӣ | Воситаҳои идоравӣ | Шарикони рушд |
| 4. МУКАММАЛГАРДОНӢ ВА ИСЛОҲОТИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ | | | | | | |
| 51. | Таҷдиди назар кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти идораи молияи давлатӣ бо мақсади таҳти низоми ягонаи назорати давлатӣ ба зиммаи мақомоти ваколатдор вогузор кардани маҷмӯи функсияҳои назоратию санҷишии воҳидҳои аудитӣ | Аз байн бурдани такроршавии функсияҳои назоратӣ ва нишондиҳанда ҳои сунъии оморӣ, барҳам додани санҷишҳои бесамар ва | То соли 2025 | Вазорати молия, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Палатаи ҳисоб ва вазорату идораҳои дигари дахлдор | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | мустаҳкам намудани низоми ягонаи назорати давлатии молиявӣ | | | | |
| 52. | Андешидани чораҳои муассир ҷиҳати пешгирӣ намудани тасарруф ва ҳолатҳои дигари коррупсионӣ ҳангоми истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ва дар ин замина таъмини шаффофият дар раванди иҷрои он | Назорати қатъии истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | Мунтазам | Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар новобаста аз шакли моликият | Воситаҳои идоравӣ | |
| 53. | Марҳила ба марҳила мукаммал гардонидани шаклу усулҳои гузаронидани чорабиниҳои назорати давлатии молиявӣ бо ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами мақомоти назорати давлатии молиявии давлатҳои муваффақ дар ин самт | Аз байн бурдани муколамаи идоравӣ, омилҳои инсонӣ ва шаффофияти истифодаи мақсадноку самараноки маблағҳои буҷети давлатӣ ва молу мулки давлатӣ | Мунтазам | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Палатаи ҳисоб ва вазорату идораҳои дигари дахлдор | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 54. | Ба нашр расонидани натиҷаи тафтишу санҷишҳои молиявӣ тавассути воситаҳои ахбори омма ва сомонаҳои интернетӣ | Шаффофияти мақомоти назорати давлатии молиявӣ | Мунтазам | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Палатаи ҳисоб ва вазорату идораҳои дигари дахлдор | Воситаҳои идоравӣ | |
| 55. | Пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани масъулияти кормандони соҳаи назорати давлатии молиявӣ | Баланд бардоштани мафкураи зиддикор-рупсионии кормандони соҳаи мазкур | Мунтазам | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Палатаи ҳисоб ва вазорату идораҳои дигари дахлдор | Воситаҳои идоравӣ | |
| 5. МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ТАВАССУТИ ТАТБИҚИ ЧОРАҲОИ ҶИНОЯТӢ, МАЪМУРӢ ВА ИНТИЗОМӢ | | | | | | |
| 56. | Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти муқовимат ба коррупсия, аз ҷумла қонун-гузории ҷиноятӣ, маъмурӣ, интизомӣ ва ҷавобгарӣ барои кирдорҳои коррупсионӣ | Пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои кирдорҳои коррупсионӣ | То соли 2025 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо корруп-сия ва субъектони муқовимат ба коррупсия | Воситаҳои идоравӣ | |
| 57. | Мукаммалгардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдароварандаи соҳаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ | Пешгирии коррупсия дар соҳаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ | Мунтазам | Бонки миллӣ, Вазорати адлия, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Маркази миллии қонунгузорӣ, БДА ҶТ | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | «Амонатбонк» ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ | | |
| 58. | Такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва маъмурӣ бо мақсади таъмин намудани татбиқи дурусти меъёрҳо оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва ҷиноятии ба коррупсия алоқаманд | Пешгирии коррупсия дар зинаҳои поёнии маъмурӣ ва аз байн бурдани бархӯрди манфиатҳо ҳангоми татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ ва маъмурӣ | Солҳои 2021-2025 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Прокуратураи генералӣ, вазорати адлия, Маркази миллии қонунгузорӣ ва вазорату идораҳои дигари дахлдор | Воситаҳои идоравӣ | |
| 59. | Омӯзиши масъалаи дар Кодекси ҷиноятӣ ба фасл ё боби алоҳида ҷудо намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта (аз ҷумла ҳама гуна шакли тасарруфи молу мулки ғайр) ва ба андоз алоқаманд | Мураттаб-созии қонунгузории ҷиноятӣ ва пурзӯр намудани ҷазо барои ҷиноятҳои коррупсионӣ | Солҳои 2021-2025 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Прокуратураи генералӣ, Вазорати адлия, Маркази миллии қонунгузорӣ ва вазорату идораҳои дигари дахлдор | Воситаҳои идоравӣ | |
| 60. | Омӯзиши масъалаи криминализатсия ва декриминализатсияи баъзе ҷиноятҳои коррупсионӣ ва | Мукаммал намудани қонунгузории ҷиноятӣ | Солҳои 2021-2023 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Прокуратураи | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | муқаррар намудани намуди дигари ҷавобгарӣ барои онҳо | | | генералӣ, Вазорати адлия, Маркази миллии қонунгузорӣ ва вазорату идораҳои дигари дахлдор | | |
| 61. | Омӯзиши масъалаи пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои рӯйпӯш намудани ҳолатҳои тасарруфи маблағҳои буҷети давлатӣ, андоз, пардохтҳои гумрукӣ ва дигари ҳатмӣ, кам ё зиёд нишон додани онҳо | Пешгирии содиршавии ҳолатҳои коррупсионӣ аз ҷониби субъектони назоратӣ ва санҷишӣ | Солҳои 2021-2022 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Прокуратураи генералӣ, вазорати адлия, Маркази миллии қонунгузорӣ ва вазорату идораҳои дигари дахлдор | Воситаҳои идоравӣ | |
| 62. | Таҳия ва қабули санадҳои ҳуқуқии соҳавӣ оид ба муайян намудани механизмҳои муосири ошкор ва тафтиши бархе аз ҷиноятҳои коррупсионӣ, бахусус ҷиноятҳо марбут ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда | Ошкор ва пешгирии ҷиноятҳои ба коррупсия алоқаманд | Солҳои 2021-2022 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Прокуратураи генералӣ, Вазорати адлия, Бонки миллӣ, Маркази миллии қонунгузорӣ ва дигар вазорату идораҳои дахлдор | Воситаҳои идоравӣ | |
| 63. | Тақвият додани фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсозии мақомоти мубориза баранда бар зидди коррупсия ва дар ин | Ташкил намудани ҳамкории судманд ва дар | То соли 2025 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | замина муайян намудани роҳу усулҳои муосир оид ба ошкор ва тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои мураккаби коррупсионӣ | якҷоягӣ мубориза бурдан бо ҷиноятҳои коррупсионӣ | | субъектони мубориза бар зидди коррупсия | | |
| 6. ЭКСПЕРТИЗАИ ДАВЛАТИИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ВА ЛОИҲАҲОИ ОНҲО | | | | | | |
| 64. | Тақвият бахшидани фаъолият дар самти экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ ва ҷамъиятии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо, аз ҷумла ҳатмӣ гардонидани иҷрои талаботи хулосаҳои экспертизаи зиддикоррупсионӣ | Ошкор намудани сабаб ва омилҳои ба коррупсия мусоидат-кунанда ва аз байн бурдани онҳо | Мунтазам | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Вазорати адлия, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият | Воситаҳои идоравӣ | |
| 65. | Гузаронидани мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ | Бартараф намудани омилҳои бавуҷудоваран даи коррупсия | Мунтазам | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Вазорати адлия, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидо- | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | ракунии шаҳрак ва деҳот, корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият | | |
| 7. ТАҚВИЯТ БАХШИДАНИ ТАҲЛИЛИ ХАВФҲОИ КОРРУПСИОНӢ | | | | | | |
| 66. | Мунтазам гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) ва татбиқи амалии нақшаҳои мукаммал тибқи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ) | Ошкор намудани хавфҳои идоравӣ ва андешидани чораҳо ҷиҳати бартараф намудани онҳ | Мунтазам | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳои дигар | Воситаҳои идоравӣ | |
| 8. МУКАММАЛГАРДОНИИ ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ БА ТАЛАБОТИ САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ТАҚВИЯТИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР РАВАНДИ ПЕШГИРӢ ВА МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ | | | | | | |
| 67. | Чораҷӯӣ кардан ҷиҳати таъмини иҷрои Тавсияҳои нави Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР) барои Тоҷикистон дар доираи Нақшаи Истамбулии амалҳои Шабакаи мубориза бо коррупсия барои кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ | Таъмини иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ | Солҳои 2021-2025 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва вазорату идораҳое, ки баҳри таъмини иҷрои тавсияҳо масъул мебошанд | Воситаҳои идоравӣ | Шарикони рушд |
| 68. | Мутобиқнамоии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба | Такмили қонунгузории | Солҳои 2021-2025 | Вазорати корҳои хориҷӣ, Агентии | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | меъёрҳои Конвенсияи СММ зидди коррупсия | миллӣ дар самти муқовимат ба коррупсия | | назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Вазорати адлия, Прокуратураи генералӣ, Маркази миллии қонунгузорӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо | | |
| 9. МОНИТОРИНГ ВА БАҲОДИҲИИ СТРАТЕГИЯ | | | | | | |
| 69. | Бо мақсади муқаррар намудани сатҳи коррупсия дар ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ на камтар аз як маротиба баргузор намудани тадқиқоти сотсиологии умумӣ оид ба коррупсия ва тибқи таҳлилҳои асоснок ҳар сол тариқи интихобӣ гузаронидани тадқиқоти сотсиологии соҳавӣ дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти давлатӣ, намояндагони ташки-лотҳои байналмилалию ҷамъиятӣ ва истифодаи натиҷаи тадқиқот ҷиҳати муқаррар намудани сиёсати зиддикор-рупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Муқаррар намудани сатҳи коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳаҳои алоҳида | Солҳои 2021-2025 | Маркази тадқиқоти стратегӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва вазорату идораҳои дигари дахлдор | Воситаҳои идоравӣ | Шарикони рушд |
| 70. | Мониторинги иҷрои Стратегия ва баррасии натиҷаҳои он дар | Самаранокии иҷрои | Солҳои 2021-2025 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва | Воситаҳои идоравӣ | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҷаласаҳои Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия | Стратегия ва ба самъи ҷомеаи шаҳрвандӣ расонидани натиҷаҳои амалисозии чарабиниҳои пешбинишуда | | муборизa бо коррупсия бо ҷалби ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалии дахлдор | | |

Эзоҳ:

1) иҷрокунандагони якум дар таъмини иҷрои бандҳои нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия масъул буда, дар мавридҳои зарурӣ гурӯҳҳои кории байниидоравӣ таъсис медиҳанд ва вобаста ба бандҳое, ки дар онҳо иҷрокунандаи асосӣ маҳсуб меёбанд, иттилоотро бо маълумоти ҳамиҷрокунандагон ва иҷрокунандагони умумӣ омода ва пешниҳод менамоянд;

2) вазорату идораҳо ва ташкилотҳои дигаре, ки дар таъмини иҷрои бандҳои хусусияти умумидошта ба ҳайси вазорату идораҳои дахлдор масъуланд, маълумотро бевосита ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва муборизa бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур менамоянд.